«Тасдиқ текунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, д.и.т. профессор
________________ Ибодуллозода А.И
«___» ________________ с. 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба рисолаи диссертатсионии Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзӯи "***Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ***" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 –Соҳаи илмҳои география).

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич ба бандҳои 1.11, 1.13 ва 1.17-и ихтисоси илмии 25.00.36. – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02–Соҳаи илмҳои география) мувофиқат мекунад: 1.11. Ҷанбаҳои геоэкологии фаъолияти системаҳои табиӣ ва техникӣ; 1.13. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва техногению табиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатарҳо ва хавфҳо, идоракунии хавфҳо, чораҳои пешгирикунанда оид ба коҳиш додани оқибатҳои равандҳои фалокатовар, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоотҳо; 1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар асоси таҳқиқи гузаронидашудаи муҳаққиқ, муайян гардидааст, ки бинобар сабаби шароити ғайримуқаррарии гидрометеорологӣ миқдори зиёди хавфҳои геоэкологии табиӣ, аз қабили ярчфароӣ, селоӣ, чаппашавӣ, эрозияи заминҳо, ботлоқшавӣ, фурӯнишинӣ, ғорпайдошавӣ, лойғуншавӣ ва ғайра ба қайд гирифта шуданд, ки оқибати ин хавфҳо ба маҳалҳои аҳолинишин, корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои автомобилгард ва дигар иншооти ҳаётан муҳим таҳдиди ҷиддӣ ба миён меоранд.

Аз ин лиҳоз дар арзёбии ҳолати экологии минтақа талаботи мақсаднок яъне омӯзиши мухтасари хавфҳои табиӣ ва техногенӣ ва таснифи онҳо бо мақсади нигоҳ доштани инфрасохторҳо ва аҳолӣ аз хатарҳо мавҷуд аст. Ин ҳама аз актуалӣ будани таҳқиқоти гузаронидашуда шаҳодат медиҳад.

**3. Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ва конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ рӯйи чоп оварда шудаанд.

**Хулосаҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:**

1. Таҳқиқот муайян намуд, ки хусусиятҳои умумии иншооти техногении таҳқиқшуда муҳити геоэкологиро дар минтақа тағйир медиҳанд, инчунин ба зуҳуроти эҳтимолии ба вуҷуд омадани хавфҳои геоэкологӣ таъсир мерасонад. Тамоюли равшани афзоиши таъсири ин омилҳо ба саломатии аҳолӣ ва ба вазъи демографии минтақа таъсири манфӣ мерасонанд.

2. Афзоиши равандҳои табиӣ ва техногенӣ, равандҳои муосири геодинамикӣ дар минтақаи Кӯлоб, аз қабили эрозия, шӯршавӣ, обхезӣ, биёбоншавӣ, ботлоқшавӣ, захролудшавӣ, лойғуншавӣ, сементатсияи горизонтҳои дохили хокҳо, техногенез ва ғайра, боиси вайроншавии хокҳо, паст шудани ҳосилнокии он гардида, авҷгирии ин омилҳо боиси номусоид гардидани вазъи экологии минтақа мегардад. Барои азхудкунии заминҳои зери таъсири техногенӣ қарор дошта, баъзе тадбирҳо ва чорабиниҳои геоэкологӣ таҳия карда шудаанд.

3. Бо мақсади паст кардани омилҳои таҳдидкунанда, ки ба паст шудани хатарҳои табиӣ дар минтақа мусоидат мекунанд, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда татбиқи чорабиниҳои ҳифзи табиии зерин: сохтани сарбандҳои сангин дар ҷойҳое, ки ҷараёнҳои сангиву лойӣ мегузаранд; истифодаи чархҳои фарсудаи мошинҳо, ки қувваҳои беруниро ба худ мекашанд ва инчунин ба ҳар гуна зарбаҳо тобоваранд, пешниҳод карда мешавад.

4. Таҳлилҳои гузаронидашуда ба мо имкон додаанд, ки хатарҳои геоэкологии минтақаи обанбори Селбурро муайян намуда, чорабиниҳоро оид ба рафъи полоишии обҳои зерқабатӣ аз атрофи обанбор бо усулҳои инъексикунонии фавворавӣ (сементкунонӣ) ва геомембранаҳои тамғаи «Славрос» таҳия созем.

5. Минтақаи обанбори Селбур, ки дар он таъсири техногенӣ ба таври васеъ зуҳур меёбад, аз ҷониби мо бо мақсади кам кардани осебпазирии минтақа ба тағйироти муҳити геоэкологӣ таҳқиқ карда шуд.

Лойғуншавии обанборҳо, ки дар раванди эрозияи заминҳо ва сел ба амал меояд, барои муҳити геоэкологӣ хатари калон дорад. Тозакунии обанбор бо таҷҳизоти муосири дизелии ғайрихудгарди Кибер Педия талаботи асосии бартараф намудани ҷараёни лойғуншавӣ маҳсуб мешавад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Таҳлилҳои гузаронидаи муҳаққиқ имкон дод, ки чунин тавсияҳоро барои истеҳсолот пешниҳод намояд:

1. Беҳбуд бахшидан ба сифати ҷараёни оби обанбор ва дарёи Қизилсу бо роҳи ҷорӣ намудани иншооти гидротехникӣ, дар қисмати 22 км.

2. Мустаҳкамкунии соҳилҳои обанбори Селбур аз ҷаббиш ва полоиши обҳои зеркабатӣ бо усулҳои инексикунонии фавворавӣ (сементкунонӣ) ва геомембранаҳои тамғаи «Славрос».

3. Баркарорсозии заминҳои эрозияшудаи соҳили дарёи Қизилсу бо усули комплексии истифодаи неруи иҫтеҳсоли маҳаллӣ.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Аввалин маротиба хусусиятҳои шароити муҳандисӣ–геоэкологии минтақа ошкор карда шуданд; хусусиятҳои рушди равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ҳангоми фаъолияти техногенӣ муқаррар гардидаанд; бори нахуст хавфҳои геоэкологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ арзёбӣ шуданд; аввалин маротиба харитаҳои типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологии минтақаи Кӯлоб тартиб дода шуданд; бори аввал тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионии ба анҷомрасонидаи унвонҷӯ метавонанд аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ, аграрӣ ва географӣ дар вақти баргузории лексияҳо, гузаронидани дарсҳои лабораториву амалӣ истифода гарданд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи муҳаққиқ ин аз истифода намудани усулҳои таҳқиқот аз қабили таҳлили кимиёии оби обанбори Селбур ва дарёи Қизилсу, таҳлили гумуснокии гилҳои зериобии обанбори Селбур бо мақсади ҷорӣ намудани усули муосир бо истифода аз неруи ҳосилшавандаи маҳаллӣ асоснок карда шудааст.

Тартиб додани нақша ва харитаҳои муҳандисӣ-геологӣ ва геоэкологии минтақа дар микёсҳои гуногун имконияти омӯзиши сохтори геологии пастхамии Ёхсу, геоморфологӣ, муҳандисӣ-геологӣ, хавфҳои техногенӣ, арзёбии хавфҳои табиӣ ва типикунонии онҳо, таҳияи буриши геологӣ ва омӯзиши динамикаи лойғуншавии обанбори Селбур, усули коҳиш додани обполоишии зерқабати обанбори Селбур, истифода намудани сементкунонии фавворавӣ, барқарорсозии заминҳои вайроншудаи минтақа бо усули нави аз ҷониби муаллиф таҳияшуда.

Инчунин, дараҷаи эътимоднокӣ бо чопи натиҷаҳое, ки дар чорабиниҳои илмии сатҳои гуногун ба даст омадаанд, асоснок карда мешаванд. Дар ҷараёни навиштани рисолаи диссертатсионӣ маводи фондии Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти хокшиносии Академияи илмҳои кишоварзии

Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз адабиётҳои чопшуда истифода карда шудаанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар диссертатсия натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти муаллиф дарҷ гардидаанд. Муаллиф бевосита дар корҳои саҳроӣ, дар соҳаи муҳандисӣ–геологӣ, геоэкологӣ ва харитасозии минтақа иштирок кардааст. Аз ҷониби муаллиф харитаҳои муҳандисию геоэкологӣ, қонунияти типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологӣ дар минтақаи Кӯлоб тартиб дода шудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Ҷузъҳои асосии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ дар 6 адад мақолаҳои илмӣ, дар маҷаллаҳои илмӣ, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти ҶТ барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия шудааст, нашр гардидаанд. Нашри ин мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели сатҳи баланди аҳамияти илмӣ ва навоварии таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳо аз 135 сарчашма иборат буда, 27 расм, 14 ҷадвал ва 140 саҳифаи чопиро дар бар гирифта, нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳи илмӣ ва аҳамияти назарию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми рисолаи диссертатсионӣ** шарҳи адабиёт ва тавсифи умумии шароитҳои табиии минтақа дарҷ гардидааст.

Таърихи омӯзиш ва сатҳи таҳқиқи мушкилот; тавсифи физикӣ–географӣ, шароитҳои иқлимӣ ва ландшафтҳои табиӣ; хусусиятҳои сохторӣ–тектоникии минтақа; ҳолати кунунии омӯзиши равандҳои геодинамикӣ бо таври муфасал омӯхта шудааст.

**Дар боби дуюм** маълумоти умумӣ дар бораи шароитҳои геоэкологии минтақа дарҷ гардидааст.

Шароитҳои геоэкологӣ; тағйирёбии муосири шароитҳои геоэкологии минтақа дар боби мазкур оварда шудааст

**Дар боби сеюм** вазъи геоэкологии минтақа ва истифодабарии усулҳои муосир дарҷ гардидааст.

Таснифи шароит ва хусусиятҳои вайроншавии хокҳо; омӯзиши равандҳои геологӣ ва таҳқиқоти муҳандисӣ- геоэкологӣ дар иншооти ҳаётан муҳим; равандҳои техногении минтақа коркард шуда, дар матни диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби чаҳорум** чорабиниҳо оид ба коҳиш ва пешгирӣ намудани хавфҳои геоэкологии минтака таҳия гардидаанд.

Баъзе тавсияҳо оид ба коҳиш ва пешгирӣ намудани хавфҳои геоэкологӣ; чорабиниҳо оид ба рафъи хатарҳои геоэкологии обанборҳо; чорабиниҳои муҳандисӣ–техникӣ оид ба коҳиш додани ҳаҷми лойҷуншавӣ; азнавсозии иншооти обтаъминкунии обанборҳо; шароитҳои геоэкологии шабакаҳои обтаъминкунии ҳавзаи дарёҳои Қизилсу-Ёхсу ва тавсияҳо ҷиҳати коҳиш додани мушкилоти он; баъзе чорабиниҳои геоэкологӣ ҷиҳати барқарорсозии заминҳои минтақа; харитаҳои геоэкологии типикунонӣ ва баҳодиҳии хавфҳои табиии минтақа таҳия гардида, пешниҳод гардида, хулосаҳо оид ба ин масъала бароварда шудааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи *“Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ”*, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Асламов Бахтовар Раҷабалиевич ба ихтисоси илмии дархостшаванда 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 - Соҳаи илмҳои география) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи дессертатсонӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди гузоштаро иҷро намудааст: омӯзиши шароитҳои физикӣ–географӣ, геологӣ ва геоэкологии минтақа; ошкор намудани қонуниятҳои тағйирёбии муҳити геоэкологӣ, хосиятҳои равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ва муқовимати онҳо ба хавфҳои табиии геоэкологӣ ва таъсири фаъолияти техногенӣ; баҳодиҳии ҳолат ва тағйирёбии шароитҳои геоэкологии минтақа ва истифодабарии усулҳои муосир; арзёбӣ, типикунонӣ ва паҳншавии хавфҳои геоэкологии табиии минтақа ҳангоми фаъолияти техногенӣ; таҳияи чорабиниҳо оид ба коҳиш ва пешгирии хавфҳои геоэкологии минтақа.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқитоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Оид ба тақсимоти реҷаи оби дарёи Қизил -Су, ки мебоист обанбори Селбур ва қисмати поёноби дарё яъне заминҳои хоҷагиҳои деҳқониро таъмин намояд, маълумот оварда нашудааст.

2. Дар рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ оид ба тиррагии (мутность) оби дарё таҳлилҳо оварда нашудааст.

3. Доир ба ҷараёни соҳилмустаҳкамкунии дарёи Қизил-Су, ки ҳамасола дар фасли боришот, иншооти ҳаётанмуҳими хоҷагии халқ зери хатари табиӣ қарор доранд, таҳлилҳо гузаронида нашудааст.

4. Дар саҳифаи 97-и диссертатсия расми 4.4.1 канали ирригатсионии Танобчӣ- Селбур аломатшои шартӣ нишон дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои хусусиятҳои техникидошта мушоҳида карда мешаванд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 - Соҳаи илмҳои география) таҳия гардида, дар маҷмӯъ тамоми мундариҷа ва муқаррароти асосии кори рисоларо инъикос мекунад.

Автореферат, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи “Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 - Соҳаи илмҳои география) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 -

Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 - Соҳаи илмҳои география) сазовор дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № ,267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи геоэкологияи Собиров М.Ю. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи геоэкология муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 01/1 аз 27.08.2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 8 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 8 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
Номзади илмҳои техникӣ,
мудири кафедраи геоэкологияи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Шоназаров Б.Б.

**Эксперт:**
Номзади илмҳои география,
дотсенти кафедраи геоэкологияи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Собиров М.С.

**Котиби илмии ҷаласа:** Абдукаримзода Қ.А.

Имзоҳои Б.Б. Шоназаров, М.С. Собиров ва
Абдукаримзода Қ.А.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Индекс, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Тел.: +992 (37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj
сомонаи расмӣ: www. tgpu.tj
«27» 08 соли 2025.